آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**6 марти соли 2024**
**Чоршанбе**
**№ 19 (15030)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАМОМИ ИСЛОҲОТ БАРОИ НЕКУАҲВОЛИИ ХАЛҚ ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ СОЛИМ НИГАРОНДА ШУДААСТ

**Президент Шавкат Мирзиёев 5 март бо объектҳои замонавии нав дар соҳаи таълими варзиш, савдо ва хидматрасонӣ, инчунин лоиҳаҳое, ки оид ба беҳсозии вазъияти экологӣ дар Тошканд ба амал татбиқ мегарданд, шинос гардид.**




Роҳбари давлат дар аввал аз мактаби варзишии ихтисосёфтаи бокси Баҳодир Ҷалолов, ки дар шаҳри Тошканд бунёд ёфтааст, боздид ба амал овард.

Чемпиони Бозиҳои олимпӣ ва осиёӣ, чемпиони дукаратаи ҷаҳон ва секаратаи Осиё Баҳодур Ҷалоловро метавон бидуни муболиға варзишгари пурзӯртарини Ӯзбекистон номид. Солҳои охир вай дар бокси касбӣ низ бомуваффақият иштирок менамояд.

Дар мамлакати мо ба пешбурди фаъолияти чунин чемпионҳо, истифода бурдани таҷрибаи онҳо дар кори тарбияи варзишгарони наврас эътибори махсус дода мешавад. Мувофиқи қарори роҳбари давлат аз 14 марти соли 2022 барои ин боз як пойгоҳ – мактаби маҳорати варзишӣ оид ба бокси Баҳодур Ҷалолов бунёд гардид.

Дар ин ҷо муштзанони дараҷаи байналхалқӣ бо ҷалби мураббиёну мутахассисони баландихтисос тайёр карда мешаванд. Машғулоти таълимиву тамринӣ дар мактаб мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ бурда шуда, дар пояи таҷрибаи пешқадам мунтазам такмил дода хоҳанд шуд.

Дар бинои чаҳорошёнаи замонавӣ тамоми шароит барои машқу тамрин мавҷуданд. Дар ошёнаи якум толори асосии варзишӣ, ҳавз, хонаи тиббӣ ва ошхона ҷойгир шудаанд. Дар ошёнаи дувум синфхонаҳои психологӣ, забонҳои хориҷӣ, машғулиятҳои назарӣ, информатика ва хонаҳои муаллимон, ҳамчунин меҳмонхонаи дорои 45 кат мавҷуданд. Дар ошёнаҳои сеюму чаҳорум хобгоҳ барои 235 нафар ва хонаи маънавият ҷой доранд. Ҳамчунин қароргоҳи зеризаминии автомобилҳо мавҷуд аст.

Мактаби бокс барои 175 ҷой пешбинӣ шудааст, ба синфҳои 5-11 ҳар сол 25 нафарӣ хонандагон интихоб карда мешаванд. Интихоби нахустин соли 2022-юм баргузор шуд ва инак дар ин ҷо 50 нафар шогирдони соҳибистеъдод машғуланд. Онҳо аз тамоми гӯшаҳои мамлакат интихоб карда шудаанд.

Хонандагони мактаби Баҳодур Ҷалолов соли 2023-юм дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, соҳиби 26 медали тиллоӣ, 18 нуқра ва 15 медали биринҷӣ гардиданд. Соли равон низ иштирок кардан дар як қатор мусобиқаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Мактаб барои муштзанҳои навраси тамоми мамлакат ба сифати пойгоҳи таълимиву тамринӣ хидмат мекунад. Вай бо дигар мактаб ва марказҳои варзишӣ бобати интихоб карда гирифтан ва тарбия намудани муштзанҳои ҷавони пешомаднок ҳамкорӣ мекунад.

Роҳбари давлат дар инҷо бо варзишгарони ҷавон ва роҳбарони соҳа мулоқот кард. Ба вохурӣ минтақаҳо аз тариқи алоқаи видеоӣ ҳамроҳ шуданд.

– Мо соли равонро Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат эълон кардем. Ба масъалаи мазкур мунтазам эътибори махсус медиҳем, барои ҷавонон тамоми шароитҳои заруририро фароҳам меоварем, онҳо иқтидор ва саъю кӯшиши зиёд доранд. Бесабаб нест, ки оид ба бокс мо аз ҷумлаи пешоҳангони ҷаҳонӣ маҳсуб меёбем. Рушди минбаъдаи ин иқтидор, ҷавонони соҳибистеъдоди мо мақсади асосии ташкил намудани мактаби мазкур мебошад. Минбаъд мактаби Баҳодур Ҷалолов ҳамчун мактабҳои Президентӣ дар самти худ намунавӣ мегардад. Услубу усул, тиб, психологияи бокс дар мактабҳои варзишии минтақаҳо низ инкишоф хоҳад ёфт, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба роҳбарони минтақаҳо бобати мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо федератсияҳои варзишӣ, дар маҳалҳо ба кори онҳо кумак расондан супоришҳо дода шуданд. Зарурияти минбаъд оммавӣ кардани варзиш дар байни ҷавонон, аз ҷумла ба бокс ҷалб намудани онҳо, вусъат додани шароит дар мактабҳо ва бахшҳои онҳо таъкид гардид.

Чемпиони секаратаи ҷаҳон оид ба гимнастикаи бадеӣ, соҳиби Ҷоми ҷаҳон Оксана Чусовитина ифтихори мамлакати мост. Вай ба Китоби рекордҳои Гиннес ҳамчун гимнасти ягона, ки дар 8 Бозии олимпӣ ширкат кардааст, ворид шудааст.

Муваффақият ва азми варзишгар ҳамчун намуна ва ҳавасмандӣ барои кӯдакон хидмат мекунад. Қарори Президент аз 14 марти соли 2022 дар бораи ташкил кардани мактаби маҳорати варзишии оид ба гимнастикаи Оксана Чусовитина барои ба рӯйи об баровардани иқтидори ҷавонон имкониятҳоро боз ҳам густариш дод.

Сарвари давлат аз ин мактаби варзишӣ дидан карда, бо шароит ва ҷараёни машғулот шинос шуд.

Муассисаи таълимӣ ба омода кардани варзишгарони сатҳи байналмилалӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, ташкили раванди таълиму тамрин дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисони баландихтисос, пайваста такмил додани ихтисоси мураббиёну гимнастҳо нигаронда шудааст. Барои ин дар бинои сеошёнаи замонавӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар ошёнаи якум толори асосӣ ва толори машғулот, майдончаи тренажёр, утоқи тиббӣ ва ошхона мавҷуд аст. Дар ошёнаи болоӣ хобгоҳи дорои 165 ҷой, меҳмонхона, синфҳои информатика ва маънавиёт ҷойгиранд. Мактаб бо таҷҳизоти Олмон муҷҳаҳаз гардонда шуда, барои 105 хонандаи синфҳои 1-11 пешбинӣ шудааст. Имрӯзҳо дар ин ҷо 91 нафар бачагон таҳсил мекунанд. Ба онҳо ду забони хориҷӣ таълим дода мешавад.

Пайравони Чусовитина соли гузашта дар мусобиқаҳои байналхалқӣ оид ба гимнастикаи варзишӣ ва бадеӣ 4 медал, дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ 6 медал, дар мусобиқаҳои байни мактабҳои варзишӣ 24 медал ба даст овардаанд.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки гимнастҳои ҷавон дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд, таҳсил мегиранд ва машқ мекунанд. Умуман ин мактаби варзишӣ дар ҷумҳурӣ базаи ягонаи таълимию тамринии гимнастҳо мегардад.

Ҳамчунин дар ин ҷо бо иштироки шахсони масъули соҳаи варзиш ва роҳбарони минтақаҳо тавассути алоқаи видеоӣ мулоқот баргузор гардид.

– Чаро мо ба ин соҳа таваҷҷуҳи калон дода, мактабҳо ташкил мекунем? Гимнастика асоси ҳамаи намудҳои варзиш мебошад. Футболбозу боксчӣ ва ҳар инсоне, ки солим будан мехоҳад, бояд бо гимнастика шуғл варзад. Агар дар баробари рушди иқтисодиёт ва таълим додан ба ҷавонон онҳоро ба шуғлварзӣ бо варзиш ҷалб карда тавонем дар кишвари мо насли солим, миллати солим ба воя мерасанд, – таъкид намуд Президент.

Ба ин муносибат масъалаҳои аз кӯдакистон сар карда ба таври васеъ ҷорӣ намудани гимнастика ва ташкили интихоби варзишгарони боистеъдод аз ин марҳала, созмон додани ду мактаби гимнастика дар ҳар як вилоят баррасӣ шуданд.

Дастур дода шуд, ки барои омодагии муносиби варзишгарон ва мураббиёни онҳо, ки имсол дар Бозиҳои олимпии Фаронса ширкат мекунанд, тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Пас аз ин Президент Шавкат Мирзиёев бо чорабиниҳое шинос гардид, ки барои беҳсозии вазъияти экологӣ ба амал татбиқ мегарданд.

Вақтҳои охир мушкилоти экологӣ, хусусан вазъияти ҳаво, боиси нигаронии ҷамъият гаштааст. Яке аз сабабҳои асосӣ газҳои зарарноке ба шумор мерав족, ки аз воситаҳои нақлиётие, ки ба талаботи экологӣ ҷавоб намедиҳанд, хориҷ мегардад. Инчунин тирбандӣ дар роҳҳо низ сабаби он мешавад. Бинобар ин бо ташаббуси роҳбари давлат чорабиниҳои маҷмӯъӣ дар заминаи беҳсозии вазъияти экологӣ андешида мешавад.

Аз он ҷумла, бо мақсади ҳалл мушкилоти экологӣ, ки бо партовҳои зарарноки нақлиёти автомобилӣ вобастагӣ дорад, шӯъбаи номнависиву озмоишии идораи бехатарии ҳаракати роҳи шаҳри Тошканд дар маҳаллаи Файзободи ноҳияи Мирободи пойтахт ба маркази замонавии ташхис табдил дода шуда буд, ки бинобар усули куллан нав кор мебарад.

Роҳбари давлат бо фаъолияти ин марказ шинос гардид.

Зимни ташкили кори марказ таҷрибаи пешқадами соҳа дар бобати ҳимояи муҳити зисти экологии шаҳрҳои мамлакатҳои мутараққӣ, мисли Олмон, Белгия, Фаронса ба инобат гирифта шуда буд.

Дар ин ҷо ҷараёни додани рақамҳои давлатӣ ва гувоҳномаи номнависи воситаҳои нақлиёт аз ҳар гуна монеаҳо ва дулобкории бюрократӣ озод карда шуда, омили инсонӣ дар ҳадди ақалл мебошад. Агар қаблан ҷараёни номнавис намудани воситаи нақлиёти автомобилӣ дар шаш-ҳафт марҳала анҷом дода мешуда бошад, ҳоло он то се марҳала кутоҳ карда шудааст.

Муҳимаш дар марказ миқдори моддаҳои зарарноке, ки автомобилҳо хориҷ мекунанд, санҷида мешавад ва вобаста аз натиҷаи озмоиши экологӣ дар шишаи пеши мошин стикерҳои сурх, зард ва ё сабзи ранги чипи RFID часпонда мешаванд.

Дар оянда, бинобар вазъияти экологии ҷорӣ, ҳудуди шаҳр ба чандин минтақаи экологӣ тақсим карда мешавад. Маҳдуд намудани дохил шудан ба ин минтақаҳои экологӣ бинобар дараҷаи моддаҳои ифлоскунандае, ки воситаҳои нақлиёт хориҷ менамоянд, яъне бинобар ранги стикери онҳо пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон дастрасии воситаҳои нақлиёт ба минтақаҳои экологӣ, ки иҷозат надорад, дар режими автоматикунондашуда назорат карда мешавад. Ҷаримаҳое, ки барои вайрон кардани ин низом ба даст меоянд, барои таъмини молиявии чорабиниҳо дар бобати беҳсозии вазъияти экологӣ равон карда мешавад.

Барои фаъолияти комили ин система дар тамоми мамлакат гузошта шудани қариб 100 истгоҳи автоматии мониторинги ҳаво ва муҷаҳҳаз намудани 84 маркази номнависиву ташхисӣ ва ҳамчунин 216 шӯъбаи ноҳиявии Хидмати бехатарии ҳаракати роҳ бо таҷҳизоти замонавии ташхис ба нақша гирифта шудааст.

Дар навбати худ чорабиниҳои амалӣ дар бобати рағбатнок сохтани хариди электромобилҳо аз ҷониби аҳолӣ, аз он ҷумла бо роҳи кам кардани ҳаҷми пардохт барои рақамҳои давлатӣ барои чунин тоифаи автомобилҳо андешида мешаванд.

Дар ҷараёни боздид аз маркази номнависӣ ва ташхиси воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба Президент Шавкат Мирзиёев лоиҳаи ба тартиб андохтани чорроҳа ва кучаҳои серҳаракати Тошканд ва инчунин бартарафсозии тирбандӣ шинос карда шуд.

Лоиҳа дар назди худ се вазифаи асосиро гузоштааст – таъмини бехатарӣ ва қулаии пиёдагардҳо, афзалияти нақлиёти ҷамъиятӣ, афзудани иқтидори убур ва кам кардани теъдоди ҳодисаҳои роҳу нақлиёт.

Лоиҳаи мазкур дар режими озмоишӣ дар ду чорроҳаи калони Тошканд – дар бурриши кучаҳои Бобур ва Фурқат ба амал татбиқ гардида буд.

Дар чорроҳаҳо барои пиёдагардҳо «ҷазирачаҳои бехатарӣ» ба вуҷуд оварда шуда, воситаҳои идора намудани чароғакҳо дар гузаргоҳҳои пиёдагардҳо гузошта шудааст. Истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ аз нав барои қулай гардидани фуромадан ва дохил шудани мусофирон дубора ба лоиҳа гирифта шуданд.

Инчунин дар чорроҳаҳо системаи чароғакҳои интеллектуалӣ ташкил карда шуда, идома ёфтани сигналҳои онҳо ба суръати мавҷи нақлиёт мутобиқ гардонда мешавад.

Дар натиҷаи чунин лоиҳаҳо иқтидори убури чорроҳаҳо бамаротиб афзуда, тирбандӣ кам мегардад, нақлиёти ҷамъиятӣ бештар самарабахш мегардад.

Президент дар заминаи вусъат додани чунин корҳо ва комилан татбиқ намудани принсипи «шаҳр – барои пиёдагардон» супоришот дод.

Роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев аз маркази савдову шуғлҳои шавқовар Tashkent City Mall боздид ба амал овард.

Маҷмӯи бисёрфунксионалӣ хидмати замонавии савдо ва дигар намудҳои онро пешниҳод мекунад. Дар бинои панҷошёнаи марказ мағозаву тарабхона ва қаҳвахона, гӯшаҳои шуғлҳои шавқовар ва майдончаҳои варзишӣ ҷойгир шудаанд. Дар қисми зеризаминӣ паркинги дуошёна ташкил гаштааст.

Дар марказаш мағозаҳои хурди брендҳои машҳури ҷаҳон ҷой гирфтааст. Дар байни онҳо ширкатҳое бисёранд, ки бори аввал ба бозори Ӯзбекистон дохил гаштаанд.

Майдони зиёдро дар маҷмӯа қитъаҳои бозӣ барои бачаҳо ва калонсолон, 14 кинотеатр ишғол намудааст. Хуллас, дар ин ҷо тамоми шароит ба вуҷуд оварда шудааст, ки одамон харид намоянд, истироҳат кунанд, бо варзиш машғул гарданд.

Маҷмуа имкон дорад, ки рӯзе ба 60 ҳазор одам хидмат расонад. Дар ин ҷо беш аз 3 ҳазор нафар бо кор таъмин хоҳад гардид.

Президент бо боздидкунандагони марказ суҳбат намуд.

Роҳбари давлат инчунин бо шароите, ки дар меҳмонхонаи панҷситора ба вуҷуд оварда шуда, шомили маҷмӯаи мазкур мебошад, шинос гардид.

Меҳмонхонаи 31-ошёна қодир аст, ки дар як вақт ба 500 нафар хидмат расонад. Дар он 273 утоқи стандартӣ ва инчунин утоқҳо барои меҳмонони олирутба вуҷуд дорад.

Дар меҳмонхона инчунин маҷлисгоҳҳои бузург ва хурд, ҳавзҳои кушод ва пӯшида, тарабхона ва қаҳвахона фаъолият менамояд. Дар бино системаи «Иморати оқил» ва лифтҳои баландсуръат устувор карда шудаанд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки меҳмонхона моҳи май ба кор дарояд. Дар ин ҷо 500 ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда мешавад.

Аҳамияти сохтмони чунин марказҳои замонавӣ, ки ба аҳолӣ хидмати сифатнок мерасонад, дар дигар шаҳрҳои мамлакат низ таъкид гардид.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2024

Ҷашни бостонии Наврӯз беҳтарин хислатҳои мардуми мо – муҳаббат ба кишвари маҳбубу табиат, меҳрубонӣ ва саховатмандӣ, созандагиву олиҳимматиро дар худ таҷассум мекунад, ки аз ҷониби онҳо гиромӣ дошта, дар тӯли садсолаҳо афзоиш ёфтааст.

Имрӯз, дар шароити Ӯзбекистони Нав, ки дар ҷомеаи мо шаъну шарафи инсон аз ҳама чиз боло гузошта шудааст, таваҷҷуҳ ба сарватҳои бебаҳо – замину об, табиат ва анъанаҳои ҳазорсолаи ба онҳо алоқаманд пурзӯр мегардад, ҷой ва аҳамияти ин ҷашн дар ҳаёти мо торафт меафзояд.

Дар шароити кунунии мураккаб ва ноустувори ҷаҳон моҳияти бузурги инсондӯстонаи ҷашни Наврӯз, ғояҳои ҷовидона, рӯҳияи созанда ва фалсафаи он, ки башариятро ба дӯстиву рафоқат, қадр кардани сулҳу осоиштагӣ, боз ҳам зеботару ободтар гардондани зиндагӣ даъват мекунад, ба саъю кӯшиши наҷибонаи халқҳои гуногуни сайёраи мо ҳамоҳанг мебошад.

Бо назардошти аҳамияти бебаҳои Наврӯз, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шуда, бо сифатҳои беназири худ ба некиву пешравӣ хидмат мекунад ва барои дар сатҳи баланди ташкилӣ дар ҳамбастагӣ бо дигаргуниҳо ва навгониҳои азими кишварамон баргузор намудани он:

**1.** Ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2024 дар кишвар ҳамчун сайли умумихалқӣ бо табъи болида ва дар сатҳи баланд таҳти шиори: **«Бо ту, Наврӯз, ҷаҳон аз нур мунаввар гардад!»** васеъ таҷлил карда шавад.

**2. Кумитаи тадорук** оид ба омодагӣ ва баргузории ҷашни миллии Наврӯз (минбаъд – Кумитаи тадорук) дар соли 2024 таъсис дода, ҳайати он мутобиқи замима тасдиқ карда шавад.

Кумитаи тадорук (А. Арипов) **дар муҳлати як ҳафта Барномаи чорабиниҳои ташкиливу амалӣ, фарҳангӣ ва маънавию маърифатиро** оид ба таври шоиста таҷлил кардани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва марказҳои вилоятӣ, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, деҳаву авулҳо тасдиқ намояд, инчунин татбиқи онро таъмин намояд.

3. Бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил намудани тамоми чорабиниҳои ҷашни умумихалқии Наврӯз ҳамчун сайли оммавӣ дар маҳалҳо дар асоси арзишу анъанаҳои миллӣ, инчунин таҷрибаи муосир ба масъалаҳои зерин эътибор дода шавад:

баргузор намудани чорабиниҳои идона, ки бедории баҳории тамоми мавҷудоти зинда, ҳамоҳангии инсон бо табиат, муҳаббат ва ғамхории ӯро ба зодгоҳаш инъикос менамояд, ҳамватанонро ба қадр намудани зиндагии осоиштаю ороми имрӯза даъват менамояд;

бо усулҳои муассир инъикос намудани бо арзишҳо ва анъанаҳои бостонии Наврӯз ҳамоҳанг будани ислоҳоти куллии демократӣ, дигаргуниҳои мусбат дар ҳаёт, шуур ва ҷаҳонбинии халқи мо, ки дар мамлакат татбиқ мегарданд;

дар маҷмааи «Янги Ӯзбекистон»-и шаҳри Тошканд дар асоси барномаи алоҳида ташкил намудани сайлҳои мардумӣ;

бо дарназардошти он, ки имсол ҷашни Наврӯз дар моҳи шарифи Рамазон таҷлил мегардад, зоҳир намудани эҳтироми ҳамаҷониба ва гиромидошти намояндагони насли калонсол, бахусус иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони ҷабҳаи меҳнат, ғамхорӣ ва таваҷҷуҳ ба ашхосе, ки дар хонаҳои «Меҳрубонӣ» ва «Саховат» зиндагӣ мекунанд, ба дафтарҳои иҷтимоӣ дохил карда шудаанд ва барои ҳар як ниёзманди дастгирӣ, ташкил намудани дасторхонҳо барои онҳо ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни хайрия;

дар арафаи ҷашни Наврӯз амалӣ намудани чорабиниҳои пешбининамудаи лоиҳаи миллии «Макони сабз», гузаронидани ҳашари умумихалқӣ оид ба ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, дар ҳар кӯча, дар ҳар як маҳалла, ноҳия ва шаҳр;

ташкил кардани лоиҳа ва иқдомҳо, ки ба таҳкими муҳити дӯстии байнимиллӣ ва ризоияти дар ҷамъият ҳукмрон нигаронда шудаанд, васеъ намоиш додани урфу одат, анъана ва арзишҳои намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни маскуни кишварамон, ки ба рӯҳия ва фалсафаи ҷашни Наврӯз ҳамоҳанг мебошанд;

ташкили баргузории чорабиниҳои идона, намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ, озмунҳо оид ба намудҳои миллии варзиш, намоишгоҳҳои китобҳо, ярмаркаҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо нархи арзон, нуқтаҳои савдои сайёр, инчунин омода намудан, савдои ярмарка ва озмунҳои таомҳои баҳорӣ;

(Давомаш дар саҳ.2).

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2024

(Аввалаш дар саҳ.1).

дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ инъикос намудани таърихи ҷашни Наврӯз, расму оинҳои марбут ба таҷлили он дар ҳар як минтақа, дар рафти чорабиниҳои идона дар тамоми шаҳру деҳот.

**4.** Вазорати фарҳанг (О. Назарбеков):

якҷоя бо Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат (О. Ҳасанов), Иттифоқи нависандагон (С. Саидов) д**ар давоми як ҳафта** сенария ва барномаи консертии театрикунонидашуда, ки дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни Наврӯз гузаронда мешаванд, таҳия намояд;

барои ба дараҷаи баланди бадеӣ тайёр кардани спектаклҳои консертӣ бо ҷалб намудани сенариянависон ва режиссёрҳои пуртаҷриба, бастакорон, балетмейстерҳо, саҳнасозон, иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод ва намояндагони эҷодиёти халқ чораҳо бинад.

**5.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд:

а) **дар мӯҳлати як ҳафта барномаҳои минтақавии чорабиниҳои** баргузории сайлҳои умумимиллии Наврӯзро таҳия ва тасдиқ намоянд, ки инҳоро пешбинӣ менамоянд:

бо услуби миллӣ ороиш додани майдонҳои асосӣ, кӯчаҳо ва боғҳо, ки дар онҳо сайли умумимиллӣ ташкил карда мешавад;

ба тартиби муқарраргардида барои иштирок дар сайлҳои умумихалқӣ васеъ ҷалб намудани ҷамоаҳои фолклорӣ, дастаҳои худфаъоли бадеӣ, намояндагони санъати сирк, ансамблҳои оилавӣ, бахшӣ, шоирон, инчунин иҷрокунандагони касбӣ ва ҳунарпешагони боистеъдоди эстрада;

дар доираи чорабиниҳои идона гузаронидани бозиҳои анъанавии мардумии барои ҳар як минтақа анъанавӣ, намоишҳо, намоишгоҳҳо, ташкили павилонҳои кушод барои фурӯши таомҳои баҳорӣ;

б) дар тартиб додани барномаҳои идона ва намоишҳои оммавӣ, ороиши кӯчаҳо, майдон ва хиёбонҳо васеъ ҷалб намудани ҷамоаҳои эҷодӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳибихтисос;

в) таъмини баргузории тамоми чорабиниҳо бо қатъиян риоя намудан ба талабҳои бехатарии ҷамъиятӣ.

**6.** Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои идона аз ҳисоби инҳо пӯшонда мешаванд:

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд дар ҳиссаи баробар;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби буҷаҳои дахлдори маҳаллӣ ва хайру эҳсонҳо дар маҳалҳо.

**7.** Ба Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии ахбори «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори омма тавсия дода шавад, ки корҳои омодагӣ ва баргузории ҷашни умумихалқии Наврӯзро ҳамаҷониба инъикос намоянд.

**8.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О. Қ. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД, 4 марти соли 2024.*

*Таҳлил, танқид, таклиф*

# «БА ЧӢ БА ДАСТ АФТОДӢ? БО ПОРА... ...БО ЧӢ ХАЛОС ШУДӢ? БО ПОРА»

***Ҳанӯз 3 январи соли 2017 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия» қабул гардида буд. Ин ҳуҷҷат дар ба тартиб андохтани муносибат дар соҳаи мубориза алайҳи коррупсия нақши босазо бозид. Қонуният, устувории ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои қонунии онҳо, кушодӣ ва шаффофӣ, пайдарпайӣ, ҳамкории давлат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ, устувории чораҳо доири пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва муқаррарии ҷавобгарӣ принсипҳои асосии мубориза алайҳи коррупсия қарор гирифтанд.***

Бале, ба касе, ки дар ин бобат айбдор гашт, хоҳ инсони одӣ бошад ва хоҳ амалдор, ҷазо муқаррар гардид.

Пештар ҳам ҷорӣ буд ин принсип, вале дар коғаз. Ришват ва тамаъгарӣ мағз-мағзи ҳаёти ҷамъиятро фаро гирифта бошад ҳам, дар ин бобат қариб чизе гуфта намешуд. Дар шароите, ки як қатор давлатҳо, аз ҷумла баъзе кишварҳои ҳамсоя масъалаи коррупсияро ҳамчун иллати ҷамъиятӣ муҳокима менамуданд, дар мо калимаи коррупсияро ҳатто ба забон намеоварданд.

Тамаъгариву ришват чизи одӣ намуда монд ба назар. Дар бораи он ки фалонӣ ба ивази фалон қадар пора ба курсии амал нишастааст ё фалонӣ ҷиноят содир намуда, ба ивази ба суд ё додситон фалон қадар пора додан аз ҷазо халос шудааст, овозаҳо паҳн мешуданд.

Албатта, мо гуфтанӣ не, ки дар он шароит то пул надиҳӣ ё дар боло «одам» надошта бошӣ, вазифа намедоданд. Роҳбарон ё худ ходимони мақомоти давлатию сохтори суду ҳуқуқ, ки бо виҷдони пок фаъолият мебурданд, дар ҳамон давр ҳам мавҷуд буданд. Вале халқ дар бораи онҳо, хусусан дар бораи кормандони идораҳои ҳуқуқ ақидаву андешаи дигар дошт. Аз ноомади кор кораш ба тафтиш афтад, рафту ҷазои сахттар таҳдид кунад, фикр карда нанишаста автомобилаш, ҳатто хонаашро мефурӯхт.

Баробари пора гирифтан пора додан низ ҷиноят (ва гуноҳ), ин ба ҳама маълум,вале шароит водор месохт шаҳрванд, бар замми мушкилии ба сараш афтода, ҳатто қарзу қавола карда, пора диҳад ва халос шавад. Ё ҷазои сабуктар гирад.

Порагирии амалдор ё устоди донишгоҳ, гарчи нобахшиданист, «бахайртар» ба назар мерасад нисбати кирдукори корманди идораи суду ҳуқуқ, ки худ ба нафс дода шуда ва қонуншиканӣ мекунад. Нақли ба латифа монанде паҳн шуда: «Ба чӣ ба даст афтодӣ? Бо пора. Бо чӣ халос шудӣ? Бо пора».

Дар шароити нави таърихӣ мубориза алайҳи коррупсия пурзӯр гашт. Ҳаракатҳо дар ин самт самара мебахшанд. Расонаҳои хабарӣ, хусусан телевизион дар ин бахш барномаҳо омода месозад. Ришватхорҳо фош мешаванд.

Бар илова ба фармони Президент аз 27 ноябри соли 2023, ки фарогири масъалаҳои марбут ба ҷонноксозии мубориза алайҳи коррупсия мебошад, Барномаи давлатӣ (барои солҳои 2023–2024) қабул карда шуд. Чораҳое, ки дар ин самт муайян шуданд, ҷолиби диққат буда, бо назардошти шароити Ӯзбекистони Нав корбаст гаштаанд. Масалан, яке аз муҳимтарин тадбирҳо бо назардошти ислоҳоти дар шароити Ӯзбекистони Нав татбиқшудаистода, боз ҳам такмил додани асосҳои қонунии мубориза алайҳи коррупсия мебошад. Ҷорӣ намудани стандартҳо дар мубориза алайҳи коррупсия ва муайян намудани механизмҳо аз рӯйи таъминсозии онҳо дар идоракунии мақомоти давлатӣ низ аз вазифаҳои аввалдараҷа дониста шуд, ки он дар навбати аввал, ба пешгирии ҳолатҳои ба ришват алоқаманд дар соҳаи идоракунии давлатӣ нигаронида шудааст.

Боби ҳафтуми Барномаи давлатӣ «Пешгирии коррупсия дар сохтори суду ҳуқуқ» ном гирифтааст. Дар он аз ҷониби ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешгирӣ намудани содиргардии ҷиноят марбут ба коррупсия чун яке аз самтҳои муҳим муайян гардидааст. Чӣ омилҳое мавҷуд, ки ба рӯй додани ҳолатҳои ногувор марбут ба ришват дар байни ходимони идораҳои суду ҳуқуқ мусоидат менамояд?

Барномаи давлатӣ вазифа гузошт ба функсияҳое, ки ба содиргардии коррупсия дар ин гуна сохтор шароит фароҳам меоварад, равшанӣ андохта ва кору вазифаҳое, ки ба ин самт нигаронида шудаанд, сари вақт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёбанд. Инчунин аз рӯйи ба судҳо гузаронидани ин тавр ҳолатҳо ва ё тавассути рақамигардонӣ коҳиш додани хатарҳои коррупсионӣ таҳия ва пешниҳодсозии таклифҳо ба амал ҷорӣ гарданд.

Як вақтҳо оиди ҳаводиси ба ришват алоқаманд чизе навиштан машаққат бошад, ҳоло дар баробари идораҳои масъул, навъе дар боло ишора рафт, воситаҳои ахбори оммавӣ дар мубориза алайҳи коррупсия фаъолона иштирок менамоянд. Ягон ногуворӣ вобаста ба коррупсия аз чашми расонаҳои хабарӣ пинҳон нест. Бо вуҷуди он ки ба ришватхор ҷазо муқаррар ҳолатҳои коррупсионӣ дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла дар фаъолияти сохтори суду ҳуқуқ ҳамон ба назар мерасанд.

Ин воқеа дар нимаи аввали соли 2023 рӯй дод.

Сокини вилояти Ҷиззах хост бо парвои чорво соҳибкории оилавиро ба роҳ гузорад. Аз бонк кредит гирифт. Вале баъдтар бонке, ки ба вай қарз додааст, аз болояш ба прокуратураи вилоят муроҷиат намуд. Даъво кард, ки соҳибкор кредитро ба чизҳои дигар сарф мекунад. Ҳуҷҷат барои омӯхтан ва чораи қонунӣ дидан ба прокуратураи шаҳри Ҷиззах фиристода шуд. Дафтари аъмоли сокибкорро варақ заданд. Вале унсурҳои қонуншиканӣ мушоҳида нашуд. Ходими шуъбаи додситонии вилоят бошад, соҳибкорро ҷеғ зада, гуфт, ки рад карда шудани кори ҷиноиро вай таъин намудааст. Барои «хидмат»-аш аз соҳибкор 1300 доллар талаб намуд. Дар вақти гирифтани «ҳаққи хидмат» вай ба даст афтод. Ба корманди прокуратура кори ҷиноӣ кушода шуд.

Моҳи декабри соли 2023 доири ба тамаъгарӣ руҷӯъи яке аз кормандони масъули суди олӣ хабарҳо паҳн шуданд. Дар натиҷаи чорабинии таъҷилии Хидмати амнияти давлатӣ нафаре ба даст афтод, ки аз шаҳрванд 10 ҳазор доллар талаб намудааст.

Тамаъгар ходими оддӣ не – консултанти калони ҳайати суди корҳои ҷиноии суди олӣ. Вай кори ҷиноии ду нафар шахсони муқаддам судшударо, ки ҳайати судӣ оиди корҳои ҷиноии суди олӣ ба тартиби кассатсия дида мебаромад, аснои ба суди вилояти Фарғона гузарондан ваъда дод ба сафедшавиашон кумак мекунад. Ва ба ивази ин пораи дар боло қайдшударо талаб намуд. Вале ба мақсади нопок нарасид.

Дар ҳолати дигар бошад, ёрдамчии калони ҳайати суд оиди корҳои иқтисодии вилояти Сурхондарё ба соҳибкори маҳаллӣ ваъда дод дар ҳалли аризаи ӯ, ки дар давраи аппелятсия дида баромада мешуд, ёрдам мерасонад. Ва аснои барои ин «хидмат» аз соҳибкор гирифтани 6 ҳазор доллар дастгир гашт.

Боз як «корбудкун»-и дигар – ёрдамчии калони довар бо ваъдаи мусбат ҳал кардани аризаи соҳибкор, ки ба суди иқтисодии байниноҳиявии Тирмиз ворид шуда буд, аз вай 2000 доллар тамаъ сохт ва дар вақти гирифтани 600 доллар ба дасташ кишан заданд.

Моҳи феврали соли ҷорӣ воқеаи ба ришват алоқаманд дар вилояти Намангон ба вуқӯъ пайваст.

Ҷамъияти саҳҳомии ба чорводорӣ тахассусдошта бо мақсади барпои биноӣ маҷмӯи чорводорӣ ва таъмири биноҳои пештара аз шуъбаи вилоятии бонки саҳҳомии «Халқбонк» ба андозаи бештар аз 5 миллиард сӯм кредит гирифт. Вале ҶС бинобар ғайриқонунӣ истифода кардани маблағ ва қалбакисозии ҳуҷҷатҳои расмӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ айбдор карда шуд. Бо моддаҳои 167 ва 228-уми Кодекси ҷиноӣ «парванда»-и ҷиноӣ боз гашт. Аснои муҳокимаи кор раиси суди ноҳияи Мингбулоқ ба ивази ҷазои сабуктар таъин кардан ба судшаванда аз падари вай 20 ҳазор доллари ИМА талаб намуд. Дар вақти гирифтани 2 ҳазор доллар бо далелҳои ашёвӣ ба даст афтод.

31 январи соли равон Пленуми Суди олӣ дар ҷамъомади худ раиси суди ноҳиявиро айбдор ҳисобид ва баҳри ба ҷавобгарӣ кашиданаш розигӣ дод.

Худи ҳамин моҳ дар вилояти Самарқанд ходими 33-солаи Гвардияи миллӣ аз ваколати худ сӯиистифода намуда, ба сокини маҳаллии ба мушкилот дучоршуда ваъда дод шиносҳои мансабдорашро ба байн даровар-да, ҳоҷаташро мебарорад ва ба ивази «хидмат» аз вай 1500 доллар талаб карду дастгир шуд.

Ин хел мисолҳоро боз овардан мумкин.

Ба наздикӣ ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузорӣ, депутат Одилҷон Тоҷиев талаб гузошт ҳамаи материалҳое, ки аз дасти довару додситонҳои бо пора бадастафтода гузаштаанд, аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ин гуна ҳолатҳои ногувор вақтҳои охир зуд-зуд ба вуқӯъ меоянд, гуфт вай, мутаассифона, ба кори одатӣ табдил мeёбад чунин рӯйдоди нанговар. Дар баробари баҳодиҳӣ ба корҳои ҷиноии суду прокурорҳои тамаъгар ба хулоса ва қарори онҳо бароварда низ баҳои муносиб додан даркор. Зеро дар натиҷаи ҳаракати шахсони ба вазифа нолоиқ чӣ қадар одамон ноҳақ айбдор мешаванд, ноҳақ ба паси панҷара меафтанд. Фикр мекунам, идома дод депутат Одилҷон Тоҷиев, дар ин самт қонунгузориро низ такмил додан даркор. Фақат дар ҳамин вазъ адолат барқарор мемонад.

Президентамон аснои ба амал баровардани боздид аз вилояти Андиҷон дар ҷамъомад бо фаъолон чӣ тавр балои бад будани тамаъгарӣ ва ришват аз ҷониби кормандони ҳуқуқу тартиботро дигарбора хотиррасон кард. Вай зикр намуд прокурори ноҳияи Когон бо 100 ҳазор доллар пора ба даст афтод. Вақте муҳофизи қонун ин тавр рафтор кард, дарди худро ба кӣ гӯем, гуфт роҳбари давлат.

Ҳуқуқшиносҳоро медонем, ки маданияти ҳуқуқиашон баланд нест. Сатҳи маърифаташон низ паст. Лозим меояд кормандони идораи ҳуқуқу тартибот ба «дарсҳои махсус» фаро гирифта шаванд. Ходимони соҳа кӣ будани худро дарк кунанд. Тамаъгарӣ агар иснод, сахттарин иснод будани тамаъгарии муҳофизи қонунро қалбан ҳис намоянд ва ба вазифа содиқ бошанд. Бо чораву ҷазои сахт ва қатъитар низ пеши роҳи ин иллатро гирифтан, заҳрпечаки коррупсияро решакан намудан мумкин.

**М. ШОДИЕВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар мамлакат ҳаёти инсон, озодӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазир арзиши олӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб дар Конститутсияи нав низ аҳамияти шаъну шарафи инсон ва дахлнопазири ҳуқуқи ӯ дар ҳамаи ҷабҳаҳо муқаррар карда шудааст.***

# САМАРАИ ИСЛОҲОТ ДАР СОҲАИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУД

Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Маркази экспертизаи суди назди Вазорати адлия доир ба «Самараи ислоҳот дар соҳаи экспертизаи суд» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ директори Маркази экспертизаи суди ба номи Х. Сулаймонова Акрам Халилов таъкид кард, ки моддаи 28-уми навтаҳрири Конститутсия кафолат медиҳад, ки шахсе дар сурати иқрор шудани гуноҳаш ягона далели зидди ӯ бошад, гунаҳкор дониста намешавад. Ин роли масъулиятноки тадқиқоти экспертизаи суд дар пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноят боз ҳам баланд мешавад. Аз ин лиҳоз, дар Конститутсия муайян шудааст, ки натиҷаҳои тадқиқоти экспертизаи суд низ барои ҳифзи кафолатноки ҳуқуқу озодии шаҳрвандон муҳим аст.

Дар марказ бори аввал дар таърихи мамлакат фаъолияти Институти тадқиқоти илмии экспертизаи суд ташкил карда шуд. Дар натиҷаи корҳои илмию амалӣ дар давоми 4 соли охир дар маркази мазкур як қатор намудҳои нави экспертизаи суд ба вуҷуд омад. Амсоли лингвистикаи суд, компутертехникаи суд, роҳи автомобили суд, электротехникаи суд, психологияи суд, андози суд, маҳсулоти озуқаворechии суд ва ҳоказо ба амалиёти экспертизаи судӣ татбиқ карда шуд. Дар натиҷа намудҳои экспертизаи суд аз 44 ба 57 то зиёд гардида, самтҳои тахассусӣ ба 91-то расид. Ин бешубҳа ба он хидмат мекунад, ки ҳар як масъалае, ки ба назди экспертизаи суд гузошта мешавад, дар ҳамоҳангӣ бо манфиатҳои инсонӣ ҳал карда мешавад.

Дарвоқеъ ба мақсади баланд бардоштани сифати кори суд, пурзӯр кардани кафолати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин мувофиқи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» чораҳои куллан такмил додани низоми суду ҳуқуқ ва баланд бардоштани эътимод ва мақомоти суд ба нақша гирифта шудааст.

Дар охири нишаст бинобар вазифаҳои минбаъдаи вазорат маълумотҳои муфассал пешкаш гардид ва ба саволҳои журналистон намояндагони вазорати мазкур ба таври умум ҷавоб гардонданд.

**Далер Азизов, хабарнигори «Овози тоҷик».**

# НОМИ МАҲАЛЛАРО БАРГАРДОНДАН МЕХОҲАНД

***Дар қабули сайёри навбатии ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов, ки дар боғи Ватанпарвари шаҳри Самарқанд баргузор шуд, масъалаҳои хонаву ҷой, кумаки моддӣ, таъмири муассисаҳои иҷтимоӣ ва роҳҳо, ободонӣ, мушкилоти хариди қитъаҳои замин ва низоъҳои оилавӣ, сохтмонҳои ғайриқонунӣ, шартнома, пардохти алимент ва ғайра баррасӣ гардид.***

Муроҷиатҳоро дар баробари ҳокими вилоят ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони секторҳо ва корхонаву ташкилотҳо низ шуниданд.

Дар рафти қабули сайёр сокини маҳаллаи «Ҳунармандлар»-и шаҳри Самарқанд барои таъмири кӯдакистони рақами 82 ва сохтани синфхонаҳои иловагӣ дар он кумак пурсид.

— Ҳоло дар боғча марҳилаи аввалини корҳои сохтмонӣ оғоз ёфтааст, — гуфт вай дар оғоз. — Аммо дар раванди кор баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд.

Дар идома ин шаҳрванд ба ҳокими вилоят дархости мардуми маҳаллиро аз рӯйи дубора баргардондани номи пештараи маҳаллааш — «Ҳазора» муроҷиат кард.

Ҳокими вилоят барои омӯхтани ҳолати объектҳои соҳаи иҷтимоӣ масъулони Сарсадорати молияи вилоятро вазифадор намуд.

— Масъулон раванди корро дар кӯдакистон меомӯзанд, — гуфт Э. Турдимов. — Ба масъалаи дуюм биёем, барои иваз кардани номи маҳалла шумо ба депутате, ки аз ҳудудатон интихоб гардидааст, муроҷиат мекунед. Масъала ба тартиби кори сессияи Шӯрои намояндагони халқи шаҳр ворид карда шуда, дар он баррасӣ мегардад. Комиссияи номгузории топонимӣ мушкилотро меомӯзад.

Як нафар соҳибкор, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият дорад, аз ҳокими вилоят барои ворид кардани нақлиёт аз давлати хориҷа кумаки амалӣ пурсид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*СОЛИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН ВА ТИҶОРАТ*

# «КУШОН ТЕКСТИЛ ГРОУП»: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДОИ ОН

Аслан мо ба ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон ба таъзияи хонадоне омада будем. Аз рӯйи гуфти одамон, манзили марҳум дуошёна ва дар паси мактаб будааст. Ба манзиле расида, пурсон шудем:

— Ин ҷо истиқоматгоҳ не, корхона, — ҷавобан ба суоли мо гуфт коргаре.

Ҷустуҷӯро давом дода, бо ёрии сокинон хонаи Ҳоҷӣ Иброҳимҷони шодравонро дар маҳаллаи Гулбоғ, воқеан, дар паси мактаб ёфта, тиловатамонро ба рӯҳи пирамарди марҳум бахшидем. Ба аҳли хонавода таъзияю дилософӣ баён кардем.

Шавқамон афзун гашту ба он корхона дубора баргаштем. Дар суҳбат бо таъсисгару роҳбари он маълум гардид, ки ин ҷо ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кушон текстил гроуп»-и ноҳияи Косонсой будааст. Пурсидем, ки бо кадом мақсад корхонаро ба кор андохтааст. Роҳбари ҷавон Анварҷон Воҳидов нақл кард, ки соли 2005 баъди хатми коллеҷи касбу ҳунари рақами 27-уми ноҳия бо ихтисоси компутер дар пайравӣ ба ҳамшаҳрон ба Русия сафар кардааст. Ба заводи шаҳри Омски он ҷо, ки қуттиҳои ашёю меваҳоро истеҳсол мекард, ба кор дохил шуд. Дар он ҷо 13 сол меҳнат кард. Аз як ҷониб таҳсил дар коллеҷ, мусофирию кори завод чашми онро пазонда буд, аз ҷониби дигар рафтуою даробаро ба мамлакати бегона ӯро мондаю лакот карданд.

Дар он давр хонадору 3 нафар фарзанддор ҳам шуда, бораш боз бисёру вазнинтар гардида буд.

Барои он ки оворагию муҳтоҷии хориҷро набинад, барои пешравии ҳаёти худ, ҷамъият ва бо кор таъмин кардани бекорон 5 сол аввал аз бонки халқии ноҳия 90 миллион сӯм қарз гирифта, дар ҷойи иҷоравӣ бо 4 нафар дӯзандаю мошинҳои дарздӯзӣ кор сар кард. Бо даромади он ҷойи ҳозираро харида, бинои корхонаро сохтааст. Ошёнаи болои бино — сехи дӯзандагӣ ва поёнаш — сехи тарҳи либосҳо.

Сехҳо гарму мӯътадил, бо оби гарму хунук таъминанд. Ғайри рӯзи якшанбе, аз соати 7 то 17.30 вақти кор аст. 2 мошини «Дамас» коргаронро ба хонаашон бурда, пагоҳӣ боз меоранд. Ба кормандон либоси корӣ бепул.

Дар корхона барои калонсолон, ҷавонон ва бачагон куртка, мактабхонон куртаи сафед, костюму шим, барои коргарони ташкилотҳо либоси корӣ ва пешдоман истеҳсол мекунанд. Ҳар моҳ ба аҳли меҳнат аз 1,2 то 3,5 миллион сӯм маош ва ба зарбдорон аз 100 то 300 ҳазор сӯмӣ мукофотпулӣ дода мешаванд.



Ҳар рӯзи корӣ дар танаффуси нимсоата хӯроки гарму бепул дода мешавад.

Корхона ашёи хомро аз бозори Абӯсахии шаҳри Тошканд меоварад.

Ба вилоятҳои Намангон, Андиҷон, Тошканд, Бухоро ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон маҳсулоти зиёд мебароварад. Содирот ба Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон беҳисоб аст.

2 сол аввал ба Кувайт 36 ҳазор долларина маҳсулот содир шуд. Порсол содирот ба Русия 120 ҳазор долларро ташкил карда бошад, имсол бо афзоиши баланд ба ин кишвари паҳновар 200 ҳазор долларина маҳсулот ирсол карданианд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кушон текстил гроуп» нақша дорад, ки бинои кории навро ба кор андохта, боз 40 нафарро бо ҷойи корӣ таъмин кунад.

**Ш. МИРЗОЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲИНДУСТОН БА РЎЙИХАТИ ҲАФТ САМТИ БЕҲТАРИН БАРОИ САЁҲАТ ДАР СОЛИ 2024 ДОХИЛ КАРДА ШУД

***Маҷаллаи махсуси ҳиндии «Travel Links» Ўзбекистонро ба феҳристи ҳафт кишвари беҳтарин барои сайёҳӣ дар соли 2024 шомил кардааст.***

Муаллифи мақола таҳти сарлавҳаи «Кашфи марвориҷдҳои пурасрори Осиё. Ҳафт самти беҳтарин дар Шарқи Наздик ва берун аз он» менависад, ки муҳаррирони нашрия ҳафт гавҳари пинҳониро барои саёҳат дар соли 2024 тавсия медиҳанд. Ба туфайли он шумо ба онҳо мафтун шуда, ба ҳайрат меафтед ва ба умқи фарҳанг, анъана ва манзараҳо ғарқ мешавед. «Аз кӯчаҳои пурғавғои бозорҳои Шарқи Наздик то воҳаҳои ороми Шарқи Дур – дурдонаҳои аз ҷониби мо интихобшуда водор месозанд, ки таҷрибаи саёҳатамонро аз нав дида бароем», гуфта мешавад дар мақола.

«Ўзбекистон: муъҷизаи Роҳи абрешим ва шаҳомати меъморӣ» – чунин сарлавҳа дорад бобе, ки ба иқтидори сайёҳии кишвари мо бахшида шудааст.

«Ўзбекистон, ки дар маркази Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, шаҳодати зиндаи таърихи бой ва омезиши фарҳангӣ, ки дар Роҳи афсонавии абрешим гул-гул шукуфтааст, ба ҳисоб меравад», – таъкид мегардад дар маҷаллаи «Travel Links».

– Дар шаҳри дилфиребы Самарқанд майдони Регистон, маҷмааи ҳайратангези мадрасаҳои боҳашамат, ки рамзи бузурги меъмории Ўзбекистон мебошанд, ҷойгир шудааст.

Баъдан муаллиф ба ғайр аз ҷойҳои ҷолиби диққати машҳур пешниҳод менамояд, ки саёҳатро аз гӯшаҳои кам омӯхташудаи шаҳри бостонӣ анҷом диҳед. Ин барои кашфи ганҷҳои ниҳоншуда аҳамияти фарҳангӣ ва маърифатии шаҳрро, ки чорроҳаи рӯйдодҳои таърихӣ мебошанд, инъикос мекунад.

«Сайёҳон метавонанд дар кӯчаҳои бостонии Бухоро сайругашт намуда, ба давру замонҳои гузаштаи дуру бостонӣ баргарданд ва ҳуввияти дурахшони фарҳангии Ўзбекистонро, ки дар равандҳои рангину афсонавии таърихӣ ташаккул ёфтааст, кашф кунанд», – менигорад рӯзноманигори ҳиндӣ.

Ба назари ӯ шукӯҳи бостонии Бухоро замоне дида мешавад, ки сайёҳ дар бозорҳои пурғавғои он сайругашт мекунад ё аз мадрасаҳову масҷидҳои азизи он дидан мекунад – ин шоҳидони зиндаи таърих дар бораи шаҳри марвориди Осиёи Миёна тасаввуроти амиқ медиҳанд.

«Дар Хиваи бостонӣ шумо осорхонаи «зинда»-и кушодро кашф хоҳед кард, ки дар он муъҷизаҳои меъморӣ, ки мероси бой ва нотакрори Ўзбекистонро ташкил медиҳанд, ба намоиш гузошта шудаанд», – менигорад муаллиф.

Дар мақола зебоии иморатҳои қадимаи Хива, инчунин ҳунари бардавом, ки аз имтиҳони асрҳо гузаштааст, нишон дода шудааст. Дар маҷалла таъкид меёбад, ки ғайр аз намуди зоҳирии ёдгориҳои меъморӣ метавон ба нақлҳои таърихие, ки дар деворҳои Хива нақш бастааст, ғарқ шуд. Чунин муносибат ба кашфи ҷаҳони ғании фарҳангӣ, ки дар ин шаҳри аҷиб боқӣ мондааст, мусоидат мекунад.

**АИ «Дунё»,**
*ДЕҲЛӢ.*

***Ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов аз Маркази кумаки иҷтимоии «Инсон» воқеъ дар маҳаллаи «Фаровон»-и ноҳияи Хатирчӣ дидан карда, бо фаъолияти Марказ шинос гардид. Ҳамчунин лоиҳаи биноҳои иловагие, ки бояд бунёд ёбанд, таҳлилу баррасӣ шуд.***

# КУМАКРАСОНИИ «ИНСОН» ИДОМА ДОРАД

Аз ҷониби Маркази кумаки иҷтимоии «Инсон» 60 нафар маъюбон ва куҳансоли танҳо ба рӯйихат даровардa шудаанд, ки марказ ба онҳо мунтазам кумакҳои моддиву маънавӣ мерасонад. Ба 32 нафар маъюбон ангишт дода шуд, ки сарморо паси сар намоянд. Биноҳои истиқоматии 18 нафар таъмир карда шудааст, 10 нафар бо воситаҳои техникии реабилитатсия ва маҳсулоти протез таъмин гардонида шудаанд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# «ОЛИМПИАДАИ ПАНҶ ТАШАББУС» ОҒОЗ ШУД

***Бо ташаббуси Сарвари давлатамон Ш.Мирзиёев шурӯъ аз соли 2022-юм ин ҷониб ҳар сол миёни ҷавонони кишварамон «Олимпиадаи панҷ ташаббус» баргузор мешавад, ки дар ин мусобиқаҳои варзишиву интеллектуалӣ ҷавонони аз 14 то 30-сола иштирок карда меоянд.***

Соли ҷорӣ низ бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон ва Вазорати варзиши ҷумҳурӣ мавсими навбатии «Олимпиадаи панҷ ташаббус» аз 1-марти соли ҷорӣ оғоз гардид. Дар доираи мавсими имсолинаи олимпиада 26 намуд, аз ҷумла 13 намуди мусобиқаҳои варзишӣ, аз қабили футбол, минифутбол, варзиши сабук, воркаут, тенниси рӯйи миз, армрестлинг ва ғайра бошанд, 13 намуди дигар, мусобиқаҳои интеллектуалӣ, китобхонӣ ва касбу ҳунар маҳсуб меёбанд. Боиси қайд аст, ки дар мусобиқаҳои мазкури варзишӣ ва интеллектуалӣ, китобхонӣ ва касбу ҳунар роҳандозӣ мегарданд, ҷавонони маҳалла бо баробари нишон додани ҳунари худ дар маҳалла, сектор, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ нуфузи маҳаллаи худро боло бардошта, бо туҳфаҳои қиматбаҳо сарфароз мегарданд.

– Аз эълон гардидан ва баргузории намуди мусобиқаҳои варзишӣ ва интеллектуалӣ, китобхонӣ ва ё касбу ҳунар, ки дар мавсими соли ҷории «Олимпиадаи панҷ ташаббус» мо ҳамроҳи сарвари ҷавонони 44 маҳаллаи ноҳияамон корҳои тарғиботӣ, фаҳмондадиҳӣ ва аз рӯйхат гузаронидани иштирокчиёни он тариқи сомони 5tashabbus.uz, ки аз ҷониби Агентии кор бо ҷавонон ва Вазорати варзиш пешбинӣ шудааст, оғоз кардем, – мегӯяд мутахассиси соҳаи панҷ ташаббуси шуъбаи Агентии кор бо ҷавонони ноҳияи Бӯка Бекмурод Абдулазизов. – Олимпиадаи мазкур барои ҷавонони бӯкагӣ бегона нест. Онҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ҳунари худро нишон додаанд ва мекӯшанд номи ноҳияро ҳамеша баланд бардоранд. Масалан, дар мавсими соли 2022-юми олимпиада ҷамоаи футболи «Дӯстлик»-и ноҳия ҷойи аввалро забт карда бошад, дар мавсими соли 2023 ҷамоаи «Янги ҳаёти»-и ноҳия дар минифутбол барои ҷоми раиси ХАД ҷойи дуюм, ҷамоаи духтарони маҳаллаи «Мирзобек» доир ба намуди стритболи варзиш ҷойи якум, шоҳмотбози ноҳия Шоҳрух Ҳамидуллоев дар мусобиқаи шоҳмот барои «Ҷоми Агентии кор бо ҷавонон», ки мукофотпулии он 880 миллион сӯм буд, ҷойи дуюмро ба даст овард.

Мусобиқа ва олимпиадаҳои гуногуне, ки дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» баргузор мешаванд, майдони ҳунарнамоии ҷавонони маҳаллаву овул ва деҳаҳои дурдасти кишвар имкониятҳои зиёдро дороcт ва ҳар як ҷавон метавонад дар намуди дилхоҳи мусобиқа ва озмун иштирок кунад, маҳорат ва номи зодгоҳи худро дар миқёси ҷумҳурӣ муаррифӣ намояд.

**Меҳровар ҚОДИРЗОДА**
*Вилояти ТОШКАНД.*



# САМАРАИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

***Дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 38-уми шаҳри Бухоро таълиму тарбияи хонандагон самарабахш ба роҳ монда шудааст.***



*Дар муассисаи мазкур ба хонандагон тибқи технологияҳои нави педагогӣ таълим дода мешавад. Натиҷааш ин аст, ки ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шудани хатмкунандагон 80-85 фоизро ташкил медиҳад. Соли гузашта 30 нафар хонандагон имконияти гирифтани таълими олиро дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ ба даст оварданд. Аз 107 нафар 86 нафари хатмкунандагон номи пуршарафи донишҷӯиро соҳиб гардиданд.*

*Соли хониши ҷорӣ бошад, 50 нафар хонандаи синфи 11 сертификати байналхалқиву миллиеро, ки дараҷаи забондонии онҳоро муайян месозад, ба даст оварданд.*

***Дар сурат:** дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 38-уми шаҳри Бухоро.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

# ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ ВА ОСОРИ АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Пеш аз ҳама бояд ишора кард, ки ҷойгоҳи зан дар миёни мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон, аз замони бостон вижагиҳоеро доро буд, ки метавон аз он вижагиҳо бо ифтихор сухан гуфт. На ҳама қавмҳои рӯйи замин чун эронитаборон дар бовариҳои динии пешазисломии хеш модархудоён ё бонухудоён доштаанд. Дар замони бовариҳои динии меҳрпарастӣ яке аз чаҳор Худои ин дин Анаҳито унвон дошт, ки сарпарасти обҳои пок, фаровонӣ ва некандешӣ буд. Дар «Шоҳнома»-и бемарги Ҳаким Фирдавсӣ зан бад-он гуна ситоиш ёфтааст, ки шояд дар адабиёти ҷаҳонӣ касе аз сухансароёни шинохта натавониста бошад ба он мартаба бирасад.

Пажӯҳишгарони зиёди Эрон ва ҷаҳон дар даҳсолаҳои охир ба мавзӯи зан дар «Шоҳнома» таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва бахше аз онҳо чун Нёлдекеи олмонӣ бар он бовар будаанд, ки «занон дар Шоҳнома нақши фаъоле надоштаанд ва танҳо замоне зоҳир мешаванд, ки ҳавас ё ишқе дар миён бошад». Аммо ин биниши донишманди хориҷӣ, новобаста дар мақоми баланди илмӣ қарор доштанаш, наметавонад як шахси ба ин асари ҷовидонӣ бо чашми жарфбин назар афкандаро қонеъ созад.

Дар нигари паямбари сухани порсӣ – Ҳаким Фирдавсӣ зан дар таърихи сарзамини эронитаборон аз касони боақлу хирад ва ботадбиру ҳушманд ҷилва мекунад. Шоири бузург пеш аз ҳама занони порсову ғамгусор ва сухандону ройзанро ситоиш намуда, онҳоро чун ганҷи бебаҳо донистааст ва гаҳе ҷойгоҳи занро аз подшоҳ болотар мегузарад. Чуноне ки дар ин сатрҳо зани донишманд аз подшоҳ Ҷомосб бартар аст:

*Зи покиву аз порсоийи зан,*
*Ки ҳам ғамгусор асту ҳам ройзан.*
*Бад-ӯ гуфт, ройи ту, эй шерзан,*
*Дурахшон кунад дудаву анҷуман.*
*Агар порсо бошаду ройзан,*
*Яке ганҷ бошад пароканда зан.*
*Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин покзан,*
*Чи некӯ сухан гуфт бар анҷуман*
*Ту гуфтӣ, ки гуфтораш аз дафтар аст,*
*Зи дониш ба Ҷомосб ӯ бартар аст.*
*Гаронмоя занро ба даргоҳ хонд,*
*Ба нома варо афсари моҳ хонд.*

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар «Хамса», ки иборат аз 18 ҳазор байт мебошад, перомуни вафодориву ҳушмандии зан достонҳо сароидааст. Хусрави Деҳлавӣ, ки хушачини дарахти пуршукӯҳу комбахши Ҳаким Фирдавсӣ аст, намунаи вафодории зани ҳиндиро ба таври возеҳ бозгӯ намудааст:

*Ба ишқ ар бутпарастӣ дини пок аст,*
*Ва гар тоат кунӣ, бе ишқ хок аст.*
*На кам аз он зани ҳинду дар ин кӯ,*
*Ки худро зинда сӯзад аз пайи шӯ.*

Ҳаким Фирдавсӣ яке аз сифатҳои дигари занро дар иффату покдоманӣ ва риояи шарму ҳаё дидааст. Зеро зан ба василаи шарму ҳаё манзалати худро шинохта, атрофиёнро маҷбур месозад, ки дар муносибат бо ӯ ба эҳтиром қоил бошанд ва дар гуфтумон аз ҳадди муайян нагузаранд. Фирдавсии бузургвор ҳаёро зевари зан гуморида, нармгуфториро сиришти некманишӣ донистааст:

*Заноне, ки эшон надоранд шарм,*
*Ба гуфтан надоранд овози нарм.*
*Бипурсед, к-оҳу кадом аст зишт,*
*Ки аз арҷ дур асту дур аз биҳишт.*

Хусрави Деҳлавӣ низ дар ашъори худ зани бошарму ҳаёро мавриди ситоиш қарор додааст:

*Ҷилвагар он шуд, ки зи шарму ҳарос,*
*Дар тутуқи сатр бувад рӯшинос.*
*Бош чу хуршед дар анвори хеш,*
*Кун зи ҳаё пардаи рухсори хеш.*
*В-он, ки барандохт ҳаёро ниқоб,*
*Даст бишӯ з-он, ки аз ӯ рехт об.*

Яке аз фазилатҳои дигари зан, дар баробари порсоиву шарму ҳаё, эҳтироми ҷуфти худ ва мададу ҳамёрӣ намудан бо шавҳар ва ба дунё овардани фаррухфарзанд мебошад. Фирдавсӣ мефармояд:

*Ба се чиз занонро бувад меҳӣ,*
*Ки бошанд зебои тахти меҳӣ.*
*Яке он, ки бошарму бохостаст,*
*Ки ҷуфташ бад-ӯ хона оростаст.*
*Дигар он, ки фаррухписар зояд ӯй,*
*Зи шӯйи хуҷаста бияфзояд ӯй.*
*Саввум он, ки болову рӯяш бувад,*
*Ба пӯшидагӣ низ мӯяш бувад.*

Дар ин бора Амир Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст – заноне, ки бо шеваи хонадории хеш дар хона фазои орому ромиш эҷод мекунанд ва шавҳарро хушнуд месозанд, беҳтарин занон мебошанд ва дар мавриде ба онон машварат медиҳад, ки бо шавҳарони дар ҳолати нодориву муфлисӣ қарор гирифтаи хеш созиш намуда, қаноатпеша бошанд:

*Шӯй, ки аз киса тавонгар бувад,*
*Худ санам андар зару зевар бувад.*
*Лек чу бе тӯша бувад шавҳараш,*
*Беҳ зи қаноат набувад зевараш.*

Аз гузаштаҳои ҳазорсолаи мардуми эронитабор пайдост, ки ҷойгоҳи зан дар миёни мардуми мо танҳо аз фазилатҳои иффату покманишӣ ва фароҳам овардани фазои осоишу ромиши хона иборат набудааст. Занон дар баробари мардҳо натанҳо дар хонавода ҳукмрон будаанд, балки дар ҳунари тирандозӣ, аспсаворӣ, ҷанговарӣ, беҳамто буда, бебокиашон бад-он ҷо мерасидааст, ки пӯшоки фармондеҳӣ ва сардорӣ бар тан мекарданд ва ба сипаҳсолориву раҳбарӣ баргузида мешуданд ва бар тахти салтанат нишаста, ба оламе фармонравоӣ мекарданд. Чунончи Бонугушасб – духтари Рустам, ҳамсари Гев, яке аз занони ҷасур ва размҷӯй буд, ки дар «Шоҳнома» фаровон аз ӯ ёд шудааст. Чунин омадааст, ки ӯ ба андозае зӯрманду далер буд, ки камтар марде тавоноии рӯ ба рӯ шудан бо ӯро доштааст. Духтари дигари Рустам бо размы диловаронаи худ Зол, Озарбарзин ва Тахвораро аз зиндон озод кардааст.

Дар нигари шоир зан мавҷудест нозук, вале бо вуҷуди ин сифат, дар далериву диловарӣ беназир ва дар разму базм роҳнамои мардони ҷанговару таковар аст, ки мардони силаҳшӯр дар баробараш ба зону мезананд:

*Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки бону туӣ,*
*Ба Ирону Чин пушту бозу туӣ.*
Ва ё:
*Зи марди хирадманд бедортар,*
*Зи дастури донанда ҳушёртар.*

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и беҳамтои худ дар намоди даҳҳо бонувони ҳушманду хирадманд, додварзу додгустар, қаҳрамону силаҳшӯр, ҷойгоҳи занро дар замони гуногуни давлатдории эронитаборон, равшану возеҳ баён намудааст. Мо дар ин матлаб аз чеҳраҳои қаҳрамонбонуи шинохта Гурдофарид, бонувони хирадманду мушовири шоҳаншаҳон Синдухт, Рудоба, бонувони ҷасуру далер чун Таҳмина ва Гурдия ёдоварӣ намекунем. Танҳо ба таври гузаро ёдкарди шаҳбонуи ҳукмрону додвару бодониш Ҳумойро лозим медонем, ки дар деҳишу адлу дод аз падар ҳам болотар буд:

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

## ЁДИ ЁДҲО

*Чӣ мардум, ки гӯё надорад забон,*
*Чӣ ороста пайкаре, бе забон.*
***Асадии Тӯсӣ***

Рӯзномаи ягонаи тоҷикии ҷумҳуриявии Ўзбекистон – «Овози тоҷик» 100-сола мешавад. Нахустин гаҳворaҷунбонҳои он киҳо буданд?

### АЗ ЁДДОШТИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Академик, директори Институти шарқшиносии АФ собиқ ИҶШС Бобоҷон Ғафуров дар арафаи ҷашнгирии 50-солагии «Ҳақиқати Ўзбекистон» онро «ҳақиқатнигори таърих» номида, дар мактуби худ навиштаанд, ки чоп ва паҳн карда шудани рӯзномаи тоҷикии «Ҳақиқати Ўзбекистон» намунаи дӯстии матину мустаҳками халқҳои Ўзбекистон мебошад. Бобоҷон Ғафуров солҳои дар идораи «Овози тоҷик» кору вазифа доштани худро бо камоли ифтихор ба ёд овардаанд: «Дар он солҳо ман ба бахти мухбири фаъоли ин рӯзнома будан мушарраф гаштам».

...Асосгузорони давраи советии адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, адибон ва шоирони номӣ, ба монанди: Раҳим Ҳошим, Пайрав Сулаймонӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Суҳайлӣ, Аминзода, шоирону нависандагони овозадори минбаъда чун: Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Раҳим Ҷалил, Абдулғанӣ Мирзоев, Файзулло Абдуллозода... аз ходимони фаъоли ин рӯзнома буданд.

Бобоҷон Ғафуров бо камоли майл исми шарифи аввалин муҳаррирони «Овози тоҷик» Муҳаммадҷон Ҳасанов ва Шаҳобуддин Садруллинро ба сифати тарбиятгари журналистони ҷавони солҳои 20-ум ва 30-юм, ба хотир оварда, дар байни ходимони «Овози тоҷик» идома доштани анъанаи маъмули «зуллисонайнӣ» (дар ду забон эҷод намудан)-ро таъкид карда, зимнан эҷодиёти Устод Айнӣ ва худашонро намуна овардаанд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёт саҳми «Овози тоҷик»-ро дар ташаккули забони адабии тоҷикӣ алоҳида қайд кардаанд.

«Овози тоҷик» дар соли аввал ва дуюми фаъолияташ, вазъи ногуворе дошт. Чунки марҳилаи тақсимоти ҳудуди миллӣ бо шиддат давом дошт. «Овози тоҷик» дар ин ҷода қаҳрамониҳо нишон дода, ҳаққу ҳуқуқи тоҷиконро қотеъона дифоъ кардааст. Ба ин нисбат имрӯз сарнавишти «Овози тоҷик»-ро давраи ташаккули матбуоти шӯравии тоҷикон ва Тоҷикистон медонанд.

«Овози тоҷик» саравал ҳамчун нашри андешаҳои Кумитаи Самарқанд, муддате ба сифати нoшири андешаҳои ҳукумати Тоҷикистон ва баъдтар ҳамчун органи чопии ҳукумати вилояти Самарқанд ва дертар ҳамчун ношири афкори Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Ўзбекистон ва Ҳукумати Ўзбекистон ба табъ мерасид, ки алҳол муассисонаш Шӯрои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ўзбекистон ва Девони Вазирони Ўзбекистон тасдиқ шудааст.

Ходимони ҳозираи рӯзнома бар инанд, ки «Овози тоҷик» оинадори таърихи тоҷикон, забони қавмест, ки дар Ўзбекистон таҳҷоӣ ва аз нигоҳи теъдод на камтар аз дигар миллатҳост. «Овози тоҷик» то вақте вуҷуд дорад, ифтихори миллиаш рӯшан падидор аст.

«Овози тоҷик» дар як замони пурташвишу мураккаби сиёсӣ ба майдон омад. Дар он солҳо фарҳанг, забон, таърих дар байни обу оташ қарор дошт. Аз як сӯ, бурузи мафкураи нави болшевикӣ, чун сели оҳанин, ба ҳаёти мардум зада даромада, аз як тараф расму тартиботи нави ба халқи мо бегонаро ташвиқ намояд, аз тарафи дигар, муқаддасоти миллӣ ва динии халқ зери по мешуд. Биноҳои муътабару муҳташами масҷиду мадрасаҳо ба анборхонаҳо табдил меёфт, ҳатто, куллан валангор мешуд.

Дар ин гуна иморатҳои таърихӣ муассисаҳои тарғибгари сиёсати ҳукумати нав: идораи райкому исполком, кохи пионер (пешоҳанг)-он, хонаи атеистон... ҷой мегирифт. Ходимони ин рӯзнома миёни обу оташ буданд. Шахсони босаводу фарҳангдӯст, миллатпарасту соҳиби дину имонро, ки ба пуштибонии масҷиду мадраса, хонақоҳу мазорот, китобҳои кӯҳна, аҳли савод лаб мекушоданд, дарҳол аждаҳои «сели оҳанин» онҳоро ба комаш мекашид. Инро дар мисоли Абдулқаюми Қурбӣ, Тамҳид ва баъзеи дигарҳо дидан мумкин.

Як гурӯҳи калони рӯшанфикрон аз ин ҳараҷу мараҷҳо ба танг омада, рӯ ба муҳоҷират ниҳода мусофирхок шуданд. Аз байни зиёиёни дар ватан монда, беҳтаринҳояшон бо ҳар гуна баҳонаву дасиса ва туҳматҳо табъид шудаанд.

Саҳифаҳои «Овози тоҷик»-ро варақ зада, шеъру мақолаҳои Абдулқаюми Қурбӣ, Саидризо Ализода, Васлӣ, Аҷзӣ, Фахриддини Роҷӣ, Ғуломризо Козимзода, Тамҳид (Масеҳои Тамҳиди Самарқандӣ), Шерзода ва даҳҳо нафар қаламкашони соҳибистеъдодро хонда, аз ин, ки тайи солҳои мутамодӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ монда буданд, ангушти ҳайрат мегазем.

Бино бар навиштаи адабиётшинос Ҳазрат Сабоҳӣ, дар байни онҳое, ки ба халқу ватан хидматҳо карда бошанд ҳам, ба ҷазоҳои сахт гирифтор шуда, дар зиндони шӯравӣ вафот ёфта буданд, ки аввалин сармуҳаррири «Овози тоҷик» Абдулқайюми Қурбӣ ва ходими рӯзнома, шоири тавоно Масеҳои Тамҳид будааст, ки чандин соли умри ҷавониашро дар маҳбаси шӯравӣ хазон кардааст.

Ба ҳамин нисбат, ҳатто дар ҷашни 50-солагии «Овози тоҷик» (соли 1974), дар шумораи махсусаш, ки «Ҷашннома» дошт, дар бораи Абдулқаюми Қурбӣ ягон хел маълумот ҷой дода нашудааст ва ҳатто аз ашъораш намунае наовардаанд. Азбаски дар идораи «Овози тоҷик» (ҳатто дар китобхонаҳои Тошканд ҳам) бастанусха (подшивка)-ҳои солҳои пешин намондааст, то кас тавонад аз осору тақдири дигар табъидшудагон бештар сухан ронда бошад. Гузашта аз ин, мақолаю китобҳои муҳаққиқони соҳа, ки дар Тоҷикистон ба табъ расидаанд, низ кам дастрас мешавад.

Ва афсӯс меҳӯрам, ки куҷо бурданд, дӯкони пур аз китобу серодами «Тоҷиккитоб»-ро, ки солҳои таҳсилам дар Самарқанд вуҷуд дошт?

Боз ҳам умед бар он дорем, ки сарони ду кишвари ҳамсоя, ба рӯйи мо дари сарҳад кушоданд, метавонанд дари маърифат низ ба рӯямон бикшоянд. Алҳол месазад шукрона гӯем, зеро ба туфайли истиқлол метавонем номи якумин муҳаррири «Овози тоҷик» – Абдулқайюми Қурбӣ ва дигар қаламкашони табъидшударо бо камоли ифтихор ба ёд оварем, рӯҳи ҳамаи онҳоро бо дуои хайр шод гардонем.

### РАҲИМ ҲОШИМ

Ин адиби сермаҳсул яке аз шоҳидони зиндаи таъсис ёфтани «Овози тоҷик» аст. Онро газетаи дӯстдошта ва қадрдони худ мешуморад. Ба муносибати ҷашни 50-солагии рӯзнома Раҳим Ҳошим онро «кӯҳансолтарин ва зиёдумрдидатарини газетаи тоҷикист ва бинобар ин дар таърихи матбуоти тоҷикии Осиёи Миёна мавқеи хосе, мавқеи ифтихормандонае дорад» – гуфта рӯзҳои таърихии нашри аввалин ва то муддате «ягона газетае ба забони тоҷикӣ» будани онро ба хотир оварда, чунин менигорад:

«Овози тоҷик» дар давроне ба нашр сар кард, ки Осиёи Миёна рӯзҳои таърихии тайёрӣ ба тақсимоти ҳудудҳои миллӣ қадам гузошта ва калимаи тақрибан фаромӯшшудаи «тоҷик» аз нав зинда гашта, ба халқи фаъол ва дорои маданияту адабиёти хеле қадим дар ин сарзамин нисбат ёфта буд».

Устод Раҳим Ҳошим «Овози тоҷик»-ро «барои ҳамафаҳм» шудани забони матбуоти тоҷик, сода ва дастрас гардидани услуби таҳрири адабӣ, бо роҳи канорагирӣ аз «тарзи таҳрири қадима ва тарзи таҳрири матбуоти эронфорсии адабии пур аз ибораю истилоҳоти арабӣ» ниҳоят саҳмгир медонад.

Ӯ ин рӯзномаро «аввалин парваришгоҳи ходимони матбуоти тоҷик» номида, дар баробари ҳамин, хидмати босазои онро ҳамчун нашрияи ягонаи тоҷикии давр, дар ривоҷ ва пешрафти назм алоҳида таъкид кардааст: «Хонандаи тоҷик бо шеърҳои шоирони онрӯзаи навқаламаи тоҷик – Ноил Шерзода, Суҳайлӣ, Муинзода, Зеҳнӣ ва бо шеърҳои нави шоирони маъруф – Айнӣ, Васлӣ, Ҳилмӣ, Ф. Роҷӣ ва дигарон дар саҳифаҳои ҳамин газета шиносоӣ пайдо кардааст. Осори шоири номдори Шарқ – устод Лоҳутӣ аввалин бор дар ҳамин газета чоп шудаанд».

Дар ҷойи дигар Раҳим Ҳошим он солҳоро ба ёд оварда навиштаанд, ки «соли 1929, пас аз кӯчидани идораи марказии Нашриёти давлатӣ ба Сталинобод, дар Самарқанд як шуъбаи таҳририи нашриёт боқӣ монд, ки ин ҷониб низ дар он ҷо кор мекардам.

Дар ин шуъба он рӯзҳо мо чор нафар кор мекардем. Мо ҳама парвонаҳое будем, ки дар гирди шамъи фурӯзони адабиёти тоҷик – Устод Айнӣ давр мезадем ва аз меҳри устодонаи ӯ гармию қувват гирифта, файзёб мешудем. Кор кардан дар ин ҷо барои мо ба ҳукми як мактаби бузурги забономӯзӣ, шиносоӣ бо адабиёт ва кор ёд гирифтан аз устод буд.

Рӯзе ба кор омада, дар паҳлӯи устод Айнӣ ҷавони гандумгуни чашму сиёҳабрӯеро дидам, ки дар сар телпаки булутранги қарокӯлӣ дошт, устод:

– Шинос шав, Пайрав! – гуфтанд...

Пайрав сарашро поин андохта, шармгин ва худдорона дар паҳлуи устод менишаст. Устод аз вазъияти Бухоро гап пурсид, баъзе шиносони худро суроғ кард, аз машғулиятҳояш хабардор шуда, ташвиқ кард, ки ба Сталинобод рафта дар нашриёт ба кор дароянд, ё ба идораи газетаи «Овози тоҷик» ба Самарқанд биёяд. Устод аз вай ба таъкид талаб кард, ки шеърҳояшро барои нашр ба журнали «Раҳбари дониш», ки идорааш дар Тошканд буд, бифиристад».

Раҳим Ҳошим аз иштироки фаъолонаи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва Абдурауфи Фитрат дар «Овози тоҷик» ёддоштҳо ба ёдгор мондааст.

(Давом дорад).

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи Ўзбекистон.**

*ҶАННАТ, КИ РИЗОИ МО ДАР ОН АСТ,*
*ДАР ЗЕРИ ҚУДУМИ МОДАРОН АСТ.*

(КОШИФӢ).

# ПИСАРАМ

Хабари доктори фан шудани фарзандам Ҳикматуллоро шунида, аввал чизе нафаҳмидам. Охир писарам муаллим аст, чӣ тавр доктор шуданаш мумкин?

Ҳайрониамро пай бурда, духтарам Наргис гуфт: – Модарҷон, доктор ин духтур гуфтагӣ гап нест, унвони илмист, ба ин гуна унвон ҳар кас ҳам муваффақ шуда наметавонад.

Баъд аниқтар фаҳмонд: – Писаратон рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Вай акнун доктори илмҳои филологӣ.

Дили модар чӣ мехоҳад, барояш мукофоти беҳтарин чӣ аст, ба ҳар кадоми мо маълум: дидани камоли вай, бахти фарзанд, ба муваффақиятҳои ҳаётиаш шарик шудан. Вақте ба чунин рӯз расид, вай зани аз ҳама саодатманд.

Ман зодаи деҳаи Янгиариқи ноҳияи Сӯх мебошам. Дар деҳаи Ровон истиқомат мекунам. Шукри бисёр ба Парвардигор, чаҳор фарзанд дорам. Духтарам Наргис – фаъоли занону духтарон дар маҳалла. Ӯ низ аз қабили бонунвонест, ки худро бахтиёр ҳис мекунанд. Назари Президентамон ба Наргиси ман афтода, соли 2022 ба вай туҳфаи роҳбари давлат – автомобили «Спарк» туҳфа карда шуд. Баъди чанде писарам, ки устоди донишгоҳ аст, докторӣ дифоъ намуд.

Соли 2024 низ барои оилаи мо бобарор омад.

Бинобар баъзе сабабҳо унвони ҳарбии писарам Қобилҷон бекор карда шуда буд. Барқароршавии унвони ҳарбии вай ба хонадон, хусусан ба падару модар хурсандии калон бахшид. Мегӯянд, ба вай музди даҳсолаи меҳнаташро рӯёнда медиҳанд.

Ин ҳама далел бар он ки дар мамлакатамон адолат устувор ва пояҳои қонунгузорӣ мустаҳкаманд.

Ба модарони ҷавон чӣ гуфтаниам?

То имкон будан фарзандони худро дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ тарбия намоед. Дар қалб ва рӯҳияи онҳо эҳсоси одамият ва мардумпарвариро ҷойгузор созед. Фарзанде, ки дар оила тарбияи дуруст гирифт, ҳеҷ вақт ба халқу Ватан хиёнат намекунад. Бахту камоли фарзанд дидан, ворисӣ ба аҷдод муносиб омода сохта, раҳмат гирифтан ба ҳар яки шумо насиб кунад.

Умри фарзандон дароз бод!

**Сабоҳат ДӮСТМАТОВА,**
**сокини маҳаллаи Истиқлоли ноҳияи Сӯх.**

# ҶАҲОНИ ЗАН

## АЛМОСИ ЗОТИ ЗАНОН АСТ Ӯ



Алмос Маҷидова дар асл озарӣ буда, зодаи Туркманистон ва парвардаи кишвари мо мебошад. Ӯ 3 сентябри соли 1959 дар шаҳраки Мурғоби вилояти Марии Туркманистони ҳамсоя, ки мавзеи беназиру қадимитарини ин кишвар буда, аз рӯйихати мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ҷой гирифтааст, дида ба дунё мекушояд.

Волидони Алмос бо тақозои замон аз Озарбойҷон ба Туркманистон омада, дертар ба пойтахти кишварамон кӯч мебанданд. Падари ӯ Самад Маҷидов дар давоми 40 сол ронандаи мошини тиббии таъҷилӣ буда, бо унвонҳои Корманди шоистаи ҶШС Туркманистон ва собиқадори меҳнат қадрдонӣ шудааст. Қаҳрамонмодари ӯ Зара Маҷидова низ шуғли доимӣ дошт, ӯ дар соҳаи тарҳрезиву дӯзандагии либоси занона устои моҳир буд. Алмос аз овони кӯдакӣ ба касби модар дил баст ва дертар бо ин касб шуғл варзид, ки дар муддати кӯтоҳ мизоҷҳои хоси худро пайдо карда тавонист, аммо аз байн вақти зиёд нагузашта, ӯро шуғли тарҳи ҳавопаймоҳо ба худ ҷалб намуд. Ҳарчанд ин ҳунар «касби мардона» аст, Алмос тавонист онро бо ҳавасмандии баланд иҷро намояд. Ӯ макетҳои нав ба нави самолёт ва дастгоҳҳои парвозкунандаро меофарид, ки дар ин хусус дар маҷаллаву рӯзномаҳои он замон маводҳои зиёд рӯйи чопро медиданд ва ба номи ӯ аз гӯшаҳои гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ номаҳо меомаданд.

Дере нагузашта ӯро ба роҳбарии маҳфили «техникҳои ҷавон» ба кор таклиф намуданд. Дар ҳамин нуқта бояд таъкид намуд, он замон ҷиҳати азхуд намудани ягон касбу ҳунар ва аз вақт пурсамар истифода бурдани мактаббачагону наврасон маҳфилҳо нақши муҳим мебозиданд, бахусус, аз байни бачагоне, ки дар маҳфилҳои адабиёт, санъати мусиқӣ ва ё ягон намуди варзиш иштирок мекарданд, номварони зиёд ба воя расидаанд.

Фаъолияти корӣ ва фазилатҳои накӯкориву навоварии Алмос ақидаи мардуми моро, ки занро бештар «ҷинси заиф» мешуморанд, рад намуда, собит мекунад, ки агар зан хоҳаду аз таҳти дил кӯшиш намояд, метавонад ӯҳдаборову тавоно шавад.

Шавқмандӣ ба варзиши ракетасозӣ, парвоздӯстӣ ва лаҳзаҳои фаромӯшнопазири парвози аввал аз парашют... Ҳамаи ин водор намуд, ки Маҷидова соли 1976 пас аз хатми мактаби миёна барои таҳсил факултаи самолётсозии Донишкадаи политехникии Тошкандро интихоб намояд.

Аз сабабе, ки Алмос аълохону фаъолтарин донишҷӯйи донишкада буд, ӯро ба идораи конструктории Заводи авиасозии Тошканд ба номи Чкалов (ТАПОиЧ) фиристоданд. Ӯ дар ин завод ҳамчун муҳандис-конструктор фаъолияти кориашро оғоз намуд. Вақте ки таҳсили ӯ дар донишкада ба охир расид, аллакай 20 коркардаш барои истеҳсолот пешниҳод гардида буд.

– Ман он солҳо бо кормандони донишманду афсонавӣ мисли Севетс, Каримов, Половников, Журавлёв ҳамкорӣ кардам ва пешниҳодҳои онҳо водор сохт, ки роҳи конструктори ҳавопайморо интихоб намоям, – мегӯяд ӯ.

Алмос ба тарҳи самолётсозӣ рағбати беандоза дошта бошад ҳам, бо ин қонеъ нагашта, хост дар ин самт корҳои илмиро ба сомон расонад. Баъд аз ҳимояи кори илмии номзадӣ дере нагузашта докторанти Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Ӯзбекистон, корманди калони илмии лабораторияи таълими экологӣ шуд. Ӯ 6 сол дар иттиҳоди техникҳои ҷавон вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои хонишу тарбиявиро иҷро намуд. Ҳамчунин ба Маркази табиатшиносони ҷавони назди Вазорати таълими халқ низ бомуваффақият сарварӣ намуд, ки дар ин муддат як қатор лоиҳаҳоеро, ки барои интихоби касбу ҳунаромӯзии ҷавонон пешниҳод шуда буданд, таҳия намуд.

– Маро масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист низ ба худ ҷалб мекард, – мегӯяд Алмос Маҷидова. – Дар минтақаи мо мушкилоти экологӣ ҳеҷ гоҳ мисли имрӯза долузарб набудаанд, фикр мекунам, ки омӯзиши муносибати эҳтиёткорона ба табиату гирди атроф қисми ҷудонопазири таълими ҷавонон бояд гардад.

Ӯ баробари дар ин мавзӯъ навиштани матолиб, бо таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳо оид ба экология низ машғул шуд.

А. Маҷидова дар Маркази сайёҳии илмӣ-маърифатии назди истгоҳи паҳнои ноҳияи Китоб «Ситораи бодбондор» («Звёздний парус») ҳамчун менеҷер кор кард.

Дар ин ҷо хонандагони мактабу литсею коллеҷҳо бо омӯзиши асрори кайҳон ва тарҳрезии модели ракетаҳо машғул мешуданд. Инчунин, бо ташаббуси Алмос Маҷидова дар доираи ин лоиҳа барномаи кумак ба кӯдакони маъюб таъсис дода шуд. Акнун писарону духтарони имконияти ҷисмониашон маҳдуд метавонистанд бо асрори кайҳон аз наздик шинос шаванд.

Ғайр аз ин, ӯ узви фаъоли раёсати Ассотсиатсияи маркази фарҳанги Озарбайҷон аст.

Ӯ дар давоми фаъолияти кориаш кор бо ҷавононро мақсади асосии худ шуморидааст, зеро мавқеи кишвар дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ва рушду нумӯи Ватанро ба ҷавонписарону духтарони маърифатноки имрӯза вобаста медонад ва чунин мешуморад, ки ҳар як шахс бояд дар бунёди ҷомеаи озоду обод фаъол иштирок намояд.

Алмос ба донишҷӯёни худ таълим медиҳад, ки сифатҳои касбӣ ва фазилатҳои неки инсониро хуб азхуд намоянд, меҳрубон, ҳамдард ва барои муошират кушод бошанд. Ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварӣ аст.

– Агар лаҳзаҳои умри ман бекор сарф шавад, худамро гунаҳгор ҳис мекунам, — мегӯяд ӯ, – овони ҷавонӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ беэътибор шудаам, ки акнун афсӯс мехурам.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо чунин ба назар тофт, ки ӯ ҳамеша бо ягон намуди фаъолият банд аст, аммо агар вақти холӣ ёфт шавад, кӯшиш мекунад, ки чорабиниҳои фарҳангии пойтахтро аз даст надиҳад.

Алмос Маҷидова узви ҳақиқии ҳафт Академияи илмҳои ҷамъиятии байналхалқӣ мебошад, ки Академияи илмии Афина ба номи Аристотел, бахши Ӯзбекистонии Академияи илмҳои табиии Русия, президиуми Академияи илмҳои Турон аз ин ҷумла мебошанд. Қаҳрамони лавҳаи мо ошуфтаи мусиқии классикӣ аст, ӯ бахусус, таронаҳои Ботир Зокировро бо ҷону дил мешунавад.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## МОДАР, ЗИ БУЗУРГӢ САРУ ПОИ ТУ НИГИН АСТ...

Оре, зан азизтарин ҳастӣ, муқаддастарин мӯъҷиза ва арзандатарин сарватест, ки ҳамагонро ҳаёт бахшидааст. Аз ҳастиаш ба дили кас қуввату мадор, тавоноиву қарор ва меҳру муҳаббати беканор пайдо мегардад. Тавоноии модар касро зинату самар ва болу пар мебахшад.

Такя бар вуҷуди ҷаҳону инсонофарини Зан-Модар такя бар Яздони пок аст. Зан ягона офарандаи инсони комил аст, ки ҳамчун неъмати бузурги ҳаёт одамиятро ба дунёи равшан оварда, тарбият мекунад ва ба камол мерасонад. Аз ин офаридаи бузурги ӯ замину осмон ва ҳамаи ҳастии олам пур аз равшанию нур ва ҳастии рӯҳу ҷон мегиранд. Ҳастии бузурги модар ҳамаи афзалиятҳои зиндагиро сабабгор аст. Шоире фармудааст:

*Хуршед ниҳам ном туро ё ки ҷаҳонтоб?*
*Модар, зи бузургӣ сару пои ту нигин аст.*
*Бар гӯш расад аз ту садое хушам он рӯз,*
*Эй хуш, бувад он рӯз садоят ба танин аст.*

Зан-Модар ситораи зиндагӣ, ситораи дурахшонест, ки ҷаҳонро нуру ҷило мебахшад. Офтобест, ки лаҳзае аз болои кӯҳе баромада, дунёро равшанию ҳаёт мебахшад.

Зан-Модар ба гуфтаи бузургон бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигараш сайёраро такон медиҳад. Аз бисоти бузургаш ба фарзандон шири сафед медиҳад, то дар зиндагӣ роҳи сафеду бахти сафед ёраш бошад. Барои ботарбия ба воя расонидан ва баобрӯ гардиданаш кӯшиши зиёде мекунад. Даме тифлаш роҳгардон мешавад, модар мефахрад, даме, ки аввалин сухани бузург – «Модар»-ро ба забон меорад, модар бештар хушҳол мегардад, ки чун муъҷизоти пурафзуни инсони комилро офаридааст. Занон – модарон дар қатори тавлиду тарбияи фарзанд боз бисёр вазифаҳои пурмасъулро ба дӯш доранд. Онҳо, бахусус занони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ кору фаъолият мекунанд. Дар қатори мардон истода, ба оила мададгор мегарданд. Зани тоҷик имрӯз ронанда, бофанда, пазанда, духтур, муҳандис, роҳбар, тоҷир аст:

*Гаҳе бинам, ки чун тоҷир ту дар*
*бозор мегардӣ,*
*Гаҳе бинам ба беморе табибу ёр мегардӣ.*
*Гаҳе бинам, ки медӯзӣ ба тифлат*
*ҷомаву дастор,*
*Гаҳе бинам ба ёрат мунису ғамхор*
*мегардӣ.*

Яке аз чунин модарони заҳматкаш, пурдида ва дурандеш момои Хурсаной мебошад. Ӯ сокини деҳаи Камонгарони ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд дар муҳити вазнини кӯҳсор ҳамроҳ бо бобои Набӣ 11 нафар фарзандро ба дунё оварда тарбият намудааст. Мо дар хонаи ин зани меҳмондӯсту кушодачеҳра меҳмон шудем. Бо самимияту меҳру муҳаббат барои мо суфра орост ва бо суханҳои модаронааш, панду насиҳати ҳаётиаш, аз рӯзҳои гузаштааш, ки моломоли дард, ғаму ғусса ва дар навбати худ шодию сурур иборат буданд, нақл карда, дили моро тасхир намуд.

– Абдуҳамид гуфт, ки «очаҷон, имрӯз бо ҳамкурсон вохӯрӣ дорем, ба хатми донишкада 41 сол пур шуд. Ҳамкурсонам аз Бухорою Навоӣ, Сирдарёву Тошканд, Фарғонаю Наманган меоянд, дар саҳни Регистон ҷамъ мешавем. Баъди зиёрати қадамҷойҳои муборак онҳоро мехоҳам ба хона даъват намоям. Шумо чӣ мегӯед?» – гуфт ҳангоми суҳбат момои Хурсаной. – Ман хурсанд шудам, охир барои чӣ хурсанд нашавам. Ҳамсабақони азизи фарзандам меҳмон мешудаанду ман чаро не гӯям. Хонаҳо васеъ, арӯсон чаққону хушмуомила. Хизмат мекунанд. «Меҳмон бо ризқаш меояд» ё «Одам бо одам зинда аст» гуфтаанд.

Дар ҳақиқат, ҳавлии Абдуҳамид дар шафати кӯҳ ҷойгир буда, васеъ, сердолу дарахт. Аз поёни ҳавлӣ боз иморати зебое месохтанд, кори устоҳо дар авҷ буд. Ҳамсари Абдуҳамид апаи Мубарро дар сари дег ҷунбуҷӯл дошт, наберакелин Моҳигул дар танӯр нон мепухт. Дар пешайвон тӯрбаҳои чормағз болои ҳам мехобиданд. Наберaҳо ҷамъ шуда, чормағз мешикастанд, чормағзро чунон моҳирона мешикастанд, ки мағзҳо бутун мебаромаданд.

– Бо аҳли оила чунин тарзи соҳибкориро ба роҳ мондем. Писарам Аброрҷон соҳаи савдоро интихоб намуд. Чормағз, ғӯлинг, қоқи



меваи мухталиф, зировариро дар бозори дохилӣ ва ҳам дар хориҷ мефурӯшад. Шукри беадад, зиндагии осуда, ором ва фаровон дорам, ки ин хушбахтиям бо шарофати сабру дурандешии модари азизам насиб гардидааст. Модари 85 солаам дуогӯйи фарзандон ва аҳли деҳа мебошанд. Бо току ангурпарварӣ, тамокую пиллапарварӣ, чорводорӣ, кӯрпадӯзию гилембофӣ барин меҳнати машаққатноки замони худ фарзандонашонро ба воя расондаанд, – мегӯяд омӯзгори мактаби рақами 49-уми ноҳия Абдуҳамид Ғаниев.

Оре, меҳри модарро ягон мавҷудоти дигар, ки моро ҳастию ҷон бахшидаанд, ҷойгир буда наметавонад.

Зеро ӯ ободгару рӯҳбахши ҳаёт аст. Ҳар ҷо ки ӯст, аз он ҷо бӯйи гулу гиёҳ меояд:

*Он ҷо ки туӣ модар, он ҷой гулистон аст,*
*Он ҷо ки набошӣ ту, як манзили вайрон*
*аст.*
*Аз меҳри шарарборат, равшан шавад ин*
*олам,*
*Дурию фироқи ту, сӯзест, ки дар ҷон аст.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ ВА ОСОРИ АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

*Дигар духтаре дошт номаш Ҳумой,*
*Ҳунарманд, бодонишу некрой.*
*Ба ройу ба дод аз падар баргузашт,*
*Ҳама гетӣ аз додаш обод гашт.*
*Нахустин, ки дайҳим бар сар ниҳод,*
*Ҷаҳонро ба доду деҳиш мужда дод.*

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» шаҳреро бозтоб намудааст бо номи Ҳарум, ки занон фармонравои он шаҳр буданд. Соҳаи низомӣ ва додрасӣ низ аз тарафи сиёсатбонувон идора мешудааст. Дар ин достон омадааст, ки Искандари Макдунӣ дар поёни юришҳо ба наздики шаҳри Ҳарум омада, файласуферо бо номаи худ назди фармонравои он шаҳр мефиристад. Ӯ дар тамоми шаҳр ҷуз занон мардеро намебинад.

*Сикандар зи манзил сипаҳ баргирифт,*
*Зи кори занон монда андар шигифт.*
*Зи дарё гузар кард зан дуҳазор,*
*Ҳама пок бо афсару гӯшвор.*

Хусрави Деҳлавӣ дар яке аз достонҳои худ – «Хизрхон ва Дувалронӣ» аз канизаки бодонишу хирадманду ҳушманди Дувалронӣ ёдовар мешавад, ки бо либоси мардона ба саҳна ворид шуда, хешро ситоиш мекунад ва дар зимн мегӯяд, ки агар Сикандар бо нерӯи силоҳ кишваркушоӣ мекард, ӯ бо ҳусну малоҳат кишварҳоро тасхир намуда, шоҳони оламгирро гирифтор ва ба худ барда месозад:

*Сикандар, ки кард оби ҳайвон ҳавас,*
*Назири манаш буд мақсуд бас.*
*Чу дар хилвати ман ниҳонӣ расид,*
*Ба сар чашмаи зиндагонӣ расид.*
*Гар андозад ӯ шери оҳу ба тир,*
*Ман он оҳуям к-ӯ бувад шергир.*
*Гар ӯ ҳаст бар тахти зар пойбаст,*
*Маро дар дили ӯст ҷойи нишаст.*
*Гар ӯ тахт гирад зи кин чун шаҳон,*
*Ман аз бозӯи меҳр гирам ҷаҳон.*

Хусрави Деҳлавӣ дар достонҳои худ, бузургии модарро низ мавриди ситоиш қарор додааст. Шоир боре саргузашти меҳри модари хешро ба ӯ тавсиф намуда, ба ёд меоварад, ки модар дар номае ба ӯ менависад, ки дар фироқи дидори Хусрав сахт маҳзун аст ва ҳар чи зудтар пешаш биёяд, то андӯҳаш аз ҷудоии фарзанд зудуда шавад. Хусрав ба назди модар меояд ва модар ӯро ба оғӯш мегирад. Хусрав низ чун кӯдак ба гардани модар меовезад ва ин суханонро мегӯяд: «Синаи модар биҳиштест, ки ҷӯйи шир аз он ҷорист».

Шоир пас аз марги модар сатрҳоеро офаридааст, ки дар адабиёти форс-тоҷик ҳамчун суханони калидӣ дар сӯги модар шинохта шудаанд:

*Эй модари ман куҷоӣ охир,*
*Рӯй аз чӣ наменамоӣ охир.*
*Хандон зи дили замин бурун ой,*
*Бар гиряи зори ман бубахшой,*
*Донам, ки ту дар биҳишти ҷовид,*
*Рахшандатарӣ зи моҳу хуршед.*
*Гирам, ки шудӣ зи дида мастур,*
*Аз синаи ман куҷо шавӣ дур.*
*Меҳре, ки ба шир шуд фароҳам,*
*То ҷон наравад, куҷо шавад кам?*

Бад-ин тартиб, бо таваҷҷуҳ ба пажӯҳиши нозукхаёлон ва кандукови жарф ба достонҳои «Шоҳнома» ва осори Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ин гуфтор метавон натиҷагирӣ кард, ки ин ду бузурги адабиёти форс-тоҷик нисбат ба зан дидгоҳи баланде доштаанд ва дар баробари ситоиши хирадофаринӣ, додгустарӣ ва нуктасанҷӣ, паҳлавонон ва фармонравоёнро бархоста аз миёни занони шердил медонанд.

**Нодира АШУРОВА,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.**

## Панди Афлотун

Замоне, ки Афлотун дар Юнон мактаб сохт, мардум пурсиданд, ки духтаронро ба мактаб бифиристем ё писаронро?

Афлотун гуфт: – Агар писаронро ба мактаб бифиристед, аз ҳар хонавода як нафар босавод хоҳад шуд ва агар духтаронро бифиристед, тамоми юнониҳо босавод хоҳанд шуд.

Таҳияи **ФАРИШТА.**



*Ай булбули шӯрида, бархез, баҳор омад,*
*Ай нури дилу дида, бархез, баҳор омад.*

*Ай лолаи хуниндил, аз хоби гарон бархез,*
*Чун мавҷ хурӯшида, бархез, баҳор омад.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4250. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.